«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
__________ Хайрзода Ш.Қ.
«___» ______________соли 2021

# ТАҚРИЗИ

муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Одиназода Рамазон Сафар дар мавзӯи: «Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод шудааст.

**1. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Барҳам хурдани давлати абарқудрати Шӯравӣ ва дар заминаи он таъсис ёфтани давлатҳои тозаистиқлол, аз ҷумла ҷумҳурии демократию ҳуқуқбунёд, дунявию иҷтимоии Тоҷикистон падидаи муҳими сиёсию фарҳангӣ дар таърихи миллати тоҷик ба шумор меравад, ки дар навбати худ дар назди ҷомеа, давлат ва илми ватанӣ вазифаҳои пурмасъулият, аз ҷумла асоснок кардани ҳаққи миллат ба давлати мустақил, сохтмони давлати навин ва ба роҳ мондани ниҳоду мақомот, муассисаҳои идоракунию судӣ ва қонунгузории ба талаботи миллат мувофиқ, ҳимоякунандаи манфиатҳои миллиро мегузорад. Дар расидан ба ин ҳадафҳои наҷиби ҷомеаи кишвар, нақши илми муосири ҳуқуқшиносӣ басо бузург буда, махсусан омӯзишу таҳлили падидаҳои миллии давлатдорӣ ва ҳуқуқи ниёгон як бахши умдаи онро ташкил медиҳад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ин самти фаъолияти ҳуқуқшиносон зикр намудаанд: «Сарчашмаи воқеии худшиносии миллӣ, қабл аз ҳама, бунёди давлати соҳибистиқлол, ваҳдати миллӣ, рӯ овардан ба гузаштаи пурифтихор, ҳифзи тамаддуну мероси фарҳангии ниёгон ва поси хотири шахсиятҳои тавонову фарзандони бузурги миллат мебошад» (Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Иборат аз чаҳор китоб. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 5). Ҳақ ба ҷониби муҳаққиқ Одиназода Р.С. аст, ки навиштаанд: ”Рӯ овардан ба хотираи ҳуқуқӣ дар таҳқиқи мавзӯъҳои илмӣ дар замони ҷаҳонишавии манфиатҳо ва бархӯрди тамаддунҳо гарави ҳифзи асолат ва соҳибихтиёрии миллии кишвар буда, омили ҳувиятсози худшиносии тоҷикон маҳсуб мегардад. Кишварҳои абарқудрат дар фазои бо тариқи кайҳонӣ тағйирёбанда бо таъсиргузории манфиатҳои миллии худ, шароити соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти ҳуқуқӣ ва сиёсии кишварҳои рӯ ба рушдро таҳти фишангҳои устуво-

ри иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ қарор дода, бо ҳар роҳу восита ба интиқоли ичбории арзишу манфиатҳои худ машғул мебошанд. Ин вазъият рӯ овардани халқу миллатҳои тозабунёди соҳибистиқлолро ба таърихи ҳуқуқи хеш, ки дорои дастовардҳои бузурги илмии барои рӯзгорҳои мухталиф созгор, қодир ба ҳифзи фарҳанг ва асолати миллии онҳо ба як амри ногузир ва тақдирсоз табдил додааст». Аз ин сабаб, мавзӯи интихобнамудаи муҳаққиқ бешубҳа мубрам буда, барои расидан ба ин мақсад хизмат мекунад. Мубрамияти мавзӯъро инчунин, камтаҳқиқ будани он, набудани таҳқиқоти комплексӣ ва комил, дастрас набудани маводи соҳавӣ, шинос набудани аксарияти муҳаққиқон ба алифбои ниёгон ва сарчашмаҳои форсию арабӣ ташкил медиҳад. Дар шароити муосири давлатдории тоҷикон, рушди таҷрибаи судӣ низ масъаларо мубрам намуда, роҳҳалҳои муосирро нисбат ба масъала талаб менамояд. Таҷрибаи судӣ баёнгари он аст, ки аксарияти куллии баҳсҳои дар суди умумӣ баррасишаванда парвандаҳои соф маъмурӣ мебошанд, ки ҳалли босуръат ва дурусти онҳо танҳо дар сурати таъсиси суди тахассусии соҳавӣ, яъне суди маъмурӣ имконпазир мебошад. Ин ва дигар омилҳо мубрамияти мавзӯъро дучанд намуда, таҷрибаи судӣ низ зарурати таъсиси чунин судҳоро тақозо дорад. Аз ин нуқтаи назар мавзӯи ихтихобгардида мубрам ва саривақтӣ буда, муаллиф –Одиназода Р.С. бешубҳа мушкилоти амалиро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст.

**Асоси методологии диссертатсияро** усулҳои умумиилмӣ ва хусусии дарки илмӣ ташкил додааст, ки аз ҷониби муаллиф бо маҳорати баланд истифода гардидаанд.

Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои олимони барҷастаи ватанию хориҷӣ, аз ҷумла С.С. Алексеев, Ф.М. Абдулхонов, Э.Б. Буризода, В.Ғ. Ғафуров, В.Г. Графский, А.М. Диноршоҳ, Ҷ.М. Зоир, Э.С. Насриддинзода, Т.В. Кашанина, С.И. Иброҳимов, М.Н. Марченко, А. Метс, Г.И. Муромсев, В.С. Нерсесянс, Ф.Т. Тоҳиров, В.А. Томсинов, А.Ғ. Холиқзода, В.Е. Чиркин, М.Н Сокит, Л.Р. Сюкияйнен, Р.Ш. Шарофзода, В.С. Соловёв, З.А. Саидзода ва дигарон ташкил дода, муаллиф дар ҷараёни таҳқиқи мавзӯъ аз хулоса ва нуқтаҳои илмии асарҳои онҳо васеъ истифода бурдааст.

**Сохтори рисола** аз муқаддима, панҷ боб ва ҳафтдаҳ зербоб, хулоса ва руйхати санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ ва сарчашмаҳои илмии истифодашуда иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия - **«Пайдоиши аввалин ниҳодҳои судӣ, мафҳуми ташаккули ниҳодҳои адолати суди маъмурӣ ва даврабандии он дар таърихи давлатдории тоҷикон»** аз се зербоб иборат буда, дар доираи он масъалаҳои пайдоиши ниҳодҳои адлияи маъмурӣ, адолати судии маъмурӣ ва даврабандии он дар таърихи давлатдории тоҷикон, баррасӣ ёфтаанд.

Зербоби якуми он - «Пайдоиши нахустмеханизмҳои адолати судӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон» оид ба пайдоиши аввалин механизмҳои амалисозии адолати судӣ дар сарзамини тоҷикон, махсусияти амалияи нахустмеханизмҳои мурофиавии баррасии баҳсҳо – мубаризаи тан ба тан, ордалия, имтиҳон, қасос мушаххас карда шудааст. Ба андешаи муаллиф пайдоиши ҳокимияти ҷамъиятӣ ва

минбаъд ҳокимияти давлатӣ марҳилаи инқилобӣ дар рушди ҷомеаи инсонӣ ба шумор рафта, ниҳоди мазкур заминаи мавриди назорату танзим ва идоракунӣ қарор гирифтани тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ гардид. Дар шумори ниҳодҳои таъсисёфтаи давлатӣ таъсиси ниҳодҳои адолати судӣ ва ташаккули онҳо ҷомеа соҳиби механизмҳое гашт, ки дар сурати зарурат барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ истифода мебурд.

Дар доираи зербоби дуюм - «Омилҳои таъсис ва ташаккули ниҳодҳои адлияи маъмурӣ ва адолати судии маъмурӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон» сабабу омилҳои таъсиси ниҳодҳои амалисозандаи адолати судии маъмурӣ, адлияи маъмурӣ таҳлилу ошкор гардида, пайдоиши ин ниҳодҳо асоснок карда шудааст.

Дар доираи зербоби сеюм - «Даврабандии ташаккули ниҳодҳои адлияи маъмурӣ ва адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон» даврабандии таърихи ташаккули ниҳодҳои амалисозандаи адолати судии маъмурӣ ва адлияи маъмурӣ тибқи ченакҳои муосири илмӣ амалӣ гардида муаллиф се давраи мустақими таърихи рушди ниҳоди суди мазолим ва панҷ марҳилаи рушди ниҳодҳои адлияи маъмурӣ ва ниҳодҳои амалисозандаи адолати судии маъмуриро муайян кардааст. Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки муҳимтар аз ҳама, интихоб намудани ченаку тарзу усули даврабандӣ аст, ки ба мақсадҳои пешгузоштаи муҳаққиқ ба таври комил ва ҳамаҷониба ҷавобгӯй бошад.

Боби дуюми диссертатсия - «**Ташаккул ва рушди ниҳодҳои адлияи маъмурӣ ва адолати судии маъмурӣ дар давраи низоми ҳуқуқии зардуштӣ**» аз се зербоб иборат иборат аст.

Дар доираи зербоби якуми боби дуюм - «Ташаккул ва рушди Боргоҳи Дод - суди шоҳӣ дар марҳилаи зардуштии таърихи давлатдории тоҷикон» муаллифи диссертатсия яке аз ниҳодҳои нодири адолати судии маъмурӣ - Боргоҳи Дод дар таърихи давлатдории тоҷиконро таҳқиқ ва омилҳои пайдоиш, махсусияти ниҳод ва тарзу усули фаъолияти он ошкор ва мавриди таҳлил қарор додааст. Муаллиф хотирнишон менамояд, ки ҳангоми таъсис ва амали ин гуна падидаҳои давлатдорӣ таҷрибаи ғании танзими муносибатҳои соҳаи мушаххас фароҳам омада, амалияи ғании идора ва ҳаллу фасли масоили ба вуқӯъомада тарҳрезӣ гардида, сатҳи шуур ва фарҳанги ҳуқуқии омма боло мерафт.

Дар зербоби дуюми боби дуюм - «Мақомоти суди мазҳабии марҳилаи зардуштӣ» оид ба низоми судҳои мазҳабӣ иброз медорад, ки он аз сарвари давлат, Шӯрои давлатӣ, Мубади Мубадон ва судҳои одии мазҳабӣ иборат буда, мақомот ва амалдорони номбаршуда салоҳияти баррасии парвандаҳои мазҳабиро доштанд ва махсусияти фаъолияти онҳо ҳамчун суди маъмурӣ баромад кардани онҳо буд.

Дар ҳошияи зербоби сеюми боби дуюм - «Амалисозии адолати судӣ аз ҷониби судҳои маъмурӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи зардушт» муаллиф фаъолияти суд ва мақомоти дигари маъмурӣ ба сифати ниҳоди амалисозандаи адолати судии маъмурӣ ва адлияи маъмурӣ дар марҳилаи зардуштии таърихи давлатдории тоҷикон мавриди

пажӯҳиш қарор дода, мақомот ва амалдорони салоҳияти баррасии парвандаҳодоштаро дар ин марҳила муайян ва фаъолияти онҳоро таҳлил намудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия - «**Ниҳодҳои адлияи маъмурӣ ва адолати судии маъмурӣ дар давраи низоми ҳуқуқии исломӣ**» аз панҷ зербоб иборат аст, муаллиф мақомот ва амалдорони алоҳидаи амалисозандаи адлияи маъмурӣ дар марҳилаи исломии рушд мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Зербоби якуми боби сеюм ба масъалаи - «Ташаккул ва рушди ниҳоди мазолим дар марҳилаи исломӣ» бахшида шудааст. Муаллиф масъалаи пайдоиш ва ташаккули яке аз нодиртарин ниҳоди адолати судӣ – ниҳоди мазолимро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, омилҳои таъсис ва марҳилаҳои рушди онро таҳлил кардааст. Муаллиф исбот намудааст, ки ниҳоди мазолим, ки аз ҷониби Хилофати арабу исломӣ эҳё гардида, дар марҳилаи таърихи давлатдории исломии тоҷикон рушд меёбад ва ба сохтори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба тариқи устувор ворид шуда, мақомоти олии назоратӣ ва баамалбарории адолати судӣ дар ҳудуди Тоҷикистони тошӯравӣ эътироф мегардад, ки таҷрибаи амалии зиёда аз ҳазорсолаи таҳиянамудаи он мояи ифтихор ва сабақи таърихӣ ба шумор меравад.

Дар зербоби дуюми ин боб - «Сохтор, тарзи ташкил ва ваколатҳои суди мазолим» муҳаққиқ масоили ташкилӣ, фаъолияти рӯзмарра ва сохтори мазолим, инчунин ба масъалаи ваколатҳои мазолим ҳамчун ниҳоди суди маъмурӣ ва хусусиятҳои ташкили кори он диққати махсус додааст.

Дар зербоби боби сеюм - «Истеҳсолоти судии мазолим ва махсусияти он» ба шакл ва тарзҳои истеҳсолоти судии мазолим диққати махсус дода шуда, шаклҳои гуногуни баррасии парвандаҳо аз ҷониби мазолим, хусусияти он вобаста аз субъект – судяи суди мазолим ошкор карда шудааст.

Зербоби чоруми боби сеюм - «Мақомоти суди мазҳабии марҳилаи исломӣ» ном дорад ва дар он субъектҳои баррасии парвандаҳои динӣ ва мақомоти амалисозандаи адолати судӣ дар масоили мазҳабиро муайян гардидааст.

Зербоби панҷуми ин боб - «Тавсифи умумии адолати судии ниҳоди муҳтасиб (раис)» ба омилҳои таъсиси ниҳоди муҳтасиб, таърихи такомул ва рушди он, вазифаҳои динию сиёсии он дар ҷомеа, ваколати он дар баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ, махсусияти салоҳияти баррасии парвандаҳои аз ҷониби муҳтасиб бахшида шудааст.

Боби чоруми диссертатсия - «**Амалисозии адолати судии маъмурӣ аз ҷониби амалдорони давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таърихи давлатдории тоҷикон**» аз се зербоб иборат аст.

Зимни баррасии зербоби якуми он - «Амалисозии адолати судӣ аз ҷониби судҳои маъмурӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» муаллиф амалисозии адлияи маъмуриро аз ҷониби мақомоти маъмурии давлатӣ баррасӣ намуда, исбот намудааст, ки дар давраи мустамликавии он дар ҳудуди кишвари Туркистон муҳлати муайян раиси суд шахси ҳарбӣ – маъмурӣ

буда, ин судҳоро низ суди маъмурӣ номидан мумкин аст, чунки аз интихоби судя то қарори қатъӣ қабул намудани он маъмурон ба фаъолияти амалисозии адолати судӣ дахолат доштанд ва ин сиёсати давлатии Русия дар ин марҳила буд.

Дар зербоби дуюми боби чорум - «Салоҳияти мақомоти шаҳрбонӣ (шеҳна, шурта, миршаб, қурбошӣ) дар амалисозии адолати судӣ» масъалаи амалисозии адлияи маъмурӣ аз ҷониби ниҳоди хизматчиёни вазорати корҳои дохилӣ баррасӣ гардида, ваколатҳои натанҳо боздошт, таҳқиқ, балки дар як қатор масъалаҳо ваколати баррасии судии баҳсҳоро доштани онҳоро исбот намудааст.

Дар зербоби сеюми ин боб - «Амалисозии адолати судӣ аз ҷониби амалдорони давлатӣ ва сарварони ҷамъиятӣ дар маҳал» муҳаққиқ иброз медорад, ки амалисозии адолати судӣ аз ҷониби амалдорони давлатӣ ва сарварони ҷамъиятӣ дар маҳал вуҷуд дошта, ҳатто ҳангоми муроҷиат ба суди умумӣ – қозӣ низ дар аксар ҳолат парванда моҳиятан аз ҷониби мулозим, ёрдамчӣ, роҳбари деҳа, ашхоси дар гузашта соҳибмансаб баррасӣ мешуданд. Роҳбарони маҳал кӯшиш менамуданд, барои «обрӯи» худро нигоҳ доштан, тарафҳоро ба оштӣ ва гузашту созиш моил ва ё маҷбур намоянд.

Ба андешаи муҳаққиқ дар ин зербоб амалисозии адолати судӣ вобаста ба маҳал, мавҷудияти ниҳодҳои махсус, мансабдорон, замону макон ва омилҳои дигар, метавонист аз ҷониби ниҳоду мансабдорони гуногун амалӣ шавад.

Боби панҷуми диссертатсия - «**Таҳаввулот, идомат ва дурнамои такмили раванди амалисозии адолати судии маъмурӣ ва адлияи маъмурӣ дар Тоҷикистон**» аз се зербоб иборат буда, дар он масъалаи таҳаввулот ва дурнамои рушди ниҳодҳои таҳқиқшаванда таҳлил гардидааст.

Дар зербоби якуми боби мазкур - «Таҳаввулоти падидаҳои амалисозии адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ» муаллиф масъалаҳои таҳаввулоти падидаҳои амалисозии адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, чунин хулосабарорӣ кардааст, ки новобаста аз пешниҳоди муҳаққиқони зиёд оид ба таъсиси суди маъмурӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ бо сабабҳои субъективӣ ин гуна суд таъсис нагардид.

Зимни таҳқиқоти марҳилаи мазкур муаллиф хулоса кардааст, ки се марҳилаи муҳимми ташаккули адлияи маъмурии шӯравӣ замина барои пайдоиш ва рушди адлияи маъмурӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол гардида, имконияти фаровон барои ташаккули босуръати он дар марҳилаи нави рушд пайдо гардида аст.

Зербоби дуюми боб - «Ниҳоди суди маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба масоили муосири ташаккули қонунгузорӣ ва ниҳодҳои адолати суди маъмурӣ бахшида шуда, муаллиф дастовардҳо ва масоили нави ҳалталабро дар даврони Истиқлолият ошкор кардааст. Дар ин зербоб муаллиф тавсияҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузории соҳавӣ пешниҳод намудааст.

Дар зербоби сеюми боби мазкур - «Идомат ва дурнамои унсурҳои адлияи маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби муаллиф дурнамои рушди унсурҳои адлияи маъмурӣ таҳлил гардида, тавсияҳо барои истифода пешниҳод гардидааст.

Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳои дорои ҷанбаи назариявӣ ва амалӣ, пешниҳоду тавсияҳои муаллифи диссертатсия, ки дар ҳар як бобу зербоб дар маҷмӯъ акс ёфтаанд, дарҷ гардидааст.

**Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар таҳқиқот натиҷаҳои нави илман асосноки назариявӣ пешниҳод шудаанд, ки барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ аҳамияти назаррас дошта мавриди дастгирӣ мебошанд:

1) пайдоиши механизмҳои амалисозии адолати судӣ, дар қатори дигар ниҳодҳои давлатдорӣ асоснок карда шудааст. Махсусан, амалисозии адолати судӣ аз ҷониби сарвари давлат ба зиммаи ӯ масъулияти муҳимро гузошта, минбаъд заминаи таъсиси дигар ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ, аз ҷумла адолати судии маъмурӣ мегардад.

2) Аз ҷониби муаллиф таърифи ду мафҳуми марказии мавзӯи баррасишаванда «адолати судӣ» ва «адлияи маъмурӣ» дода шудааст. «Адолати судӣ дар масири илми таърихи ҳуқуқ – ин фаъолияти тавассути баррасии парвандаҳо амалишавандаи мақомоти суд, дигар мақомоти давлатӣ, мансабдорон ва ашхоси алоҳида баҳри муайян кардани ҳақиқат дар баҳсҳои ҳуқуқӣ» муайян шуда, «адлияи маъмурӣ» «дар ҷараёни ҳодисоти таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик раванд ва маҳсули фаъолияти маҷмӯи ниҳодҳои маъмурӣ (мақомот ва мансабдорони ваколатдори ҳуқуқӣ) эътироф шудааст, ки бо баррасии баҳсҳои маъмурӣ баҳри амалӣ намудани адолати судии маъмурӣ равона шудааст».

3) Даврабандии таърихи рушди суди мазолим - як навъи суди маъмурӣ ва таърихи мақомоти амалисозандаи адолати судии маъмурӣ муайян карда шудааст.

4) Марҳилаҳои амалисозии адолати судӣ аз ҷониби суди мазолим ошкор ва ба таври комил таҳқиқ гардидааст.

5) Фармони шоҳи Сосонӣ оид ба ҷараёни бурдани тафтишот ва истеҳсолоти судӣ таҳлил ва аз назари илмӣ баҳо дода шудааст.

6) Таърихи ниҳоди сипаҳдовар – чун падидаи амалисозандаи адолати судӣ муқаррар ва таҳқиқ гардидааст.

7) Омилу сабаб ва таърихи ниҳоди мазолим таҳқику ошкор карда шудааст.

8) Навъ ва намудҳои баҳсҳои ҳуқуқие, ки судҳои маъмурии мазолим салоҳияти баррасии онҳоро доштанд, муайян ва мушаххас карда шудааст.

9) Мақомоти судию маъмурии баррасикунандаи парвандаҳои динӣ ошкор карда шуда, раванди таҳқику тафтиши ин парвандаҳо таҳлил гардидааст.

10) Исбот карда шудааст, ки таҳияи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва талаб намудани рафтори боадолатона ба раийат заминаи қонунгузории тоҷиконро ташкил медод.

11) Таърихи пайдоиш, ваколат ва масъулияти ниҳоди динию сиёсии муҳтасиб муайян карда шудаанд. Инчунин, шакл ва намудҳои ҷазо ки муҳтасиб ҳаққи истифодаи онҳоро дошт, муайян карда шуданд.

12) Таҷрибаи амалисозии ҷазо ва намудҳои ҷазои маъмурӣ дар Бухорои тошӯравӣ таҳлилу баррасӣ гардиданд.

13) Фаъолияти амалисозии адолати судии маъмурӣ, аз ҷониби мақомоти шурта (мақомоти ҳарбии кишвар) асоснок карда шудааст.

14) Мақоми суди маъмуриро доштани судҳои қозӣ дар кишвари Туркистон исбот карда шудааст. Мақоми олии суди будани Амири Бухоро дар доштани ҳуқуқи иҷозаи ҳукми қатлро доштани он исбот мегардад.

15) Сохтор ва низоми судӣ дар Бухорои охири асри XIX ва то инқилоби сентябрии соли 1920 муайян карда шудааст.

16) Таносуби ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ, азҷумла адолати судии маъмурӣ ошкор карда шуда аст.

17) Даврахои рушди унсурҳои амалисозандаи адлияи маъмурии шӯравӣ муайян карда шуда, хусусиятҳои хоси ин давра ошкор карда шудаанд.

18) Хусусиятҳои хоси суди маъмурии муосир ошкор карда шудаанд.

19) Зарурати таъсиси суди маъмурӣ дар Тоҷикистон асоснок ва исбот карда шудааст.

20) Пешниҳодҳо аз натиҷаи таҳқиқот барои такмили қонунгузории амалкунандаи соҳавӣ тавсия шудаанд.

**Дараҷаи асоснокӣ ва боваринок будани ҳар як натиҷа, навоварӣ, хулосаҳои унвонҷӯй дар диссертатсияи пешниҳодшуда.** Натиҷа, нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои пешниҳодгардида асоснок ва боваринок мебошанд, чунки дар заминаи таълимоти таърихӣ – ҳуқуқӣ ва қонунгузории амалкунанда, сарчашмаҳои илмии ватанию хориҷӣ, дар заминаи таҳлил ва таҳқиқоти илмӣ ба даст омадаанд.

**Дараҷаи навоварии хулоса ва пешниҳодҳо.** Қайд намудан зарур аст, ки аксарияти натиҷаҳо нав буда, бори аввал барои ҳимоя пешниҳод шудаанд. Қисми дигари онҳо дар шакли нав ва бо факту далелҳои нав ва натиҷаи таҷрибаи судӣ асоснок карда шудаанд. Дар умум, бандҳои пешниҳодшуда, нисбат ба андешаҳои дар илм мавҷудбуда навгонӣ ва саҳми муаллиф дар ҳалли масоили илмҳои самти ҳуқуқшиносии тоҷик мебошанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои илмӣ барои назария ва амалия, тавсияҳо барои истифодаи онҳо.** Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои назария хеле муҳим мебошанд ва онҳоро дар таҳқиқоти минбаъда метавон давом дод. Хулосаҳои таҳқиқотро метавон дар таълими фанҳои «Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон», «Назарияи давлат ва ҳуқуқ», «Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ», «Ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ», «Мақомоти судӣ» истифода бурд.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар истифодаи хулосаҳои он ҳангоми такмили қонунгузории Тоҷикистон, ислоҳоти судию ҳуқуқӣ, такмили фаъолияти судҳои маъмурӣ мебошад.

**Эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ рисолаи комплексӣ ва комил буда, баҳои баландро сазовор аст, вале дар қатори дастовардҳо дар матни он баъзе андешаҳои баҳсталаб ва камбудиҳо ба назар мерасад.

1. Дар диссертатсия аксарияти мақомоти маъмурии марҳилаҳои таърихии давлатдории тоҷикон ҳамчун мақомоти амалисозандаи адолати судии маъмурӣ муаррифӣ шудаанд, ҳарчанд онҳо вазифаҳои мушаххаси худро доштанд. Шарҳи муаллифро оид ба таносуби вазифаҳои маъмурӣ ва судии ин мақомотҳо лозим мешуморем.

2. Ҳангоми омухтани таҷрибаи муқаррар кардани ҷазоҳои маъмурӣ дар Бухорои ибтидои асри XX муаллиф ба таври мушаххас намудҳои гуногуни ҷазоҳоро ошкор ва муайян кардааст. Саволе ба миён меояд, ки ин ҷазоҳо дар ҳудуди Тоҷикистони муосир низ истифода мешуданд ва ё на?

3. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муқоисаи амали мақомоти маъмурии амалисозандаи адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистони таърихӣ ва дигар кишварҳо кам истифода шудааст. Рисола сифатан беҳтар мегардид, агар ин гуна муқоиса бештар истифода гардад.

4. Дар матни диссертатсия баъзе камбудиҳои орфографӣ ва ҷумласозӣ ба назар мерасанд.

Новобаста аз ин, эроду тавсияҳои мо арзиши баланди илмии диссертатсияро заррае ҳам кам намекунанд, ба андешаи мо, он дар дараҷаи баланди илмӣ таҳия гардида, таҳқиқоти пурарзишу комил ва ба масъалаи пурра таҳқиқнашуда бахшида шудааст.

**Тасдиқи нашри нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо, хулосаҳои диссертатсия**. Нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия дар монография ва мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла дар 16 мақолаи илмии дар нашрияҳои эътирофнамудаи КОА-ии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нуҳ мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои дигар ва се монографияҳои ба мавзӯъ бахшида шуда нашр гардидааст. Руйхати монография ва мақолаҳои илмии муаллиф дар диссертатсия ва автореферати он нишон дода шудаанд.

**Мутобиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.** Автореферат ба таври комил ба мазмуни диссертатсия мутобиқ буда, мазмуни асосии онро инъикос менамояд ва тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Дар он мақсад, вазифа, бандҳои барои ҳимоя тавсияшуда, хулоса ва тавсияҳои амалии дар чараёни таҳқиқот ба даст омада, инъикос шудаанд. Автореферат бо ду забон нашр гардида, матни он бо ҳамдигар мувофиқат мекунанд.

**Мутобиқати мазмун ва шакли таҳияи диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.** Таҳқиқот саҳми илмии муаллиф дар таҳлилу баррасии яке аз масъалаҳои муҳими илмӣ дар ҷаҳони муосир буда, ба ошкор намудани таъриху ташаккул, мафҳум ва моҳияти суди маъмурӣ ва ниҳодҳои адлияи маъмурӣ бахшида шудааст.

Диссертатсияи Одиназода Рамазон Сафар дар мавзӯи «Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)» аҳамияти илмӣ ва амалӣ дошта, дар соҳаи таърихи давлат ва ҳуқуқ таҳқиқоти комил ва хотимаёфта аст, ки дар он як қатор навгониҳои илмӣ пешниҳод шудаанд. Хулосаю пешниҳодҳои таҳияшуда холигиро дар омӯзиши ин масоил пурра намуда, барои такмили қонунгузорӣ оид ба мақомоти суди маъмурӣ ва пешрафти таҷрибаи корӣ дар ин самт имконият фароҳам меоваранд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 76 – 77, 78 «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва бандҳои 10-12, 14, 16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯй мебошад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсия дар мавзӯи «Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)»таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта маҳсуб мегардад, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омада, мушкилоти мушаххаси илмӣ ҳалли худро ёфтааст, аз ин сабаб, муаллифи он – Одиназода Рамазон Сафар барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Исмоилов Ш.М. омода шуда, дар семинари васеи

илмӣ - назариявии кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима шуда, дар ҷаласаи кафедра аз « 5» марти соли 2021 протоколи № 7 ҷонибдорӣ шудааст.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири
кафедраи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Бобоев Ҷ.Қ.

Ташхисгар, профессори кафедраи
ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Исмоилов Ш.М.

Котиби семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
дотсенти калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ҳаитов С.П.

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов, 64 /14. Тел.: (99 -237) -231-02-01, (99-237)- 231-0101-75, e-mail: sh.hayrzoda@tgfeu.tj http//tgfeu@tgfeu.tj

Имзои Исмоилов Ш.М., Бобоев Ҷ.Қ.
ва Ҳаитов С.П-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ Раҷабов Б.